# ФАРМОИШИ
# РАИСИ КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**аз «11» 11 соли 2024 № 412/бд ш. Душанбе**

*Дар бораи аз баррасӣ бозхонд намудани парвандаи аттестатсионӣ оид ба дарёфти унвони илмӣ*

Мутобиқи сархати 6 моддаи 16 ва сархати 7 қисми 2 моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ", сархати 4 банди 18 Низомномаи Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" (фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2021, № 270),

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Бо хоҳиши Қудратзода Парвиз Қудрат парвандаи аттестатсионии номбурда оид ба дарёфти унвони илмии дотсент аз рӯйи ихтисоси "Иқтисодиёт" аз баррасии Комиссия бозхонд карда шуда, дар ин асос дархостномаи Донишгоҳи давлатии Данғара рад карда шавад.
2. Мудири шуъбаи аттестатсионии илмҳои ҷамъиятӣ-гуманитарӣ (Вализода Ҳ.С.) вазифадор карда шавад, ки дар муҳлати то 10 рӯз, аз рӯзи ба имзо расидани фармоиши мазкур, ҷиҳати ҷойгир намудани нусхаи он дар сомонаи Комиссия ва парвандаи аттестатсионии довталаб чораҳои зарурӣ андешад.
3. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи саркотиби илмии Комиссия Маъруфӣ Р.Н. вогузор карда шавад.

Асос: аризаи довталаб Қудратзода П.Қ.

Раис Давлатзода С.Х.

КОМИССИЯИ ОЛИИ АТТЕСТАТСИОНИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
НУСХА БА АСЛАШ БАРОБАР АСТ